Халил ва дӯсти ман, Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) манро ба се чиз тавсия доданд: Рӯза доштани се рӯз дар ҳар моҳ, хондани ду ракъат намози зуҳо, хондани витр пеш аз хоб

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Халил ва дӯсти ман, Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) манро ба се чиз тавсия доданд: Рӯза доштани се рӯз дар ҳар моҳ, хондани ду ракъат намози зуҳо, хондани витр пеш аз хоб.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки дӯсташ ва ҳамроҳаш Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ се васият намуданд, ки ба ин се амал пойбанд бошад: Аввал: Рӯзадории се рӯз дар ҳар моҳ. Дуюм: Ду ракъати намози зуҳо, ҳар рӯз. Сеюм: Хондани намози витр пеш аз хоб, ин барои касоне аст, ки метарсанд дар охири шаб бедор нашаванд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4538